# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат).**

Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович соли 2014 шуъбаи рӯзонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси метрология, стандартизатсия ва сертификатсия (саноати хуроквори) бо баҳои хубу аъло хатм намудааст. Соли 2016 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт бо баҳои аъло хатм намудааст. Ҳамзамон, соли 2019 докторантураи (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-менеҷмент (6D050701-менеҷмент)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Аз соли 2019 то соли 2022 ассистенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва аз сентябри соли 2022 то ин ҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи номбурда фаъолият карда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки Исвалиев Б.Ҷ. ҳангоми иҷрои корҳои илмии худ, дараҷаи баланди мустақлиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёне, ки ҷанбаҳои назариявии мавзуи мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст. Инчунин ӯ ҳамасола дар конференсияҳои илмию назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо ва фишурдаҳои худ баромад намудааст.

Роҷеъ ба мавзуи диссертатсионӣ 12 маводи илмӣ таҳия намудааст, ки аз ин 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи илмӣ дар конференсияву дигар маҷаллаҳои илмӣ ба тавсиб расонидааст.

Аз тарафи Исвалиев Б.Ҷ. дар раванди таҳқиқот усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигарҳо истифода шудаанд. Инчунин диссертатсия ба асарҳои олимон ва муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, ки ба омӯзиши назария ва методологияи такмили механизми

мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудаанд, асоснок карда шудааст.

Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба сифати навгонии илмӣ ба даст оварда шудаанд, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар бар гирифта, инчунин механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ аз нигоҳи нав таҳқиқ ва арзёбӣ гардидааст. Бо такя ба муҳтавои асарҳои олимон ва муҳаққиқони ҷаҳонӣ хусусиятҳои хоси механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ муайян карда шудааст.

Муқаррароти назариявӣ, ки аз ҷониби докторант дар диссертатсия таҳия гардидааст, метавонанд ҳамчун саҳми муҳим дар такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муаррифӣ шаванд. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имконияти иҷрои таҳқиқоти илмиро дар самти такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ фароҳам меоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муқаррароти дигари диссертатсия бошад, дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми хондани фанҳои “Менеҷмент”, “Менеҷменти инноватсионӣ”, “Идоракунии кадрҳо”, “Менеҷменти меҳнат”, “Иқтисодиёти меҳнат” ва “Менеҷменти кадрӣ” истифода шуда истодааст.

Кори диссертатсионии мазкур барои ба таври назаррас такомул ёфтани таъминоти илмию методии илмҳои иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард. Хулосаю замимаҳо ва тавсияҳои дар асоси таҳлили илмии тасдиқ кардашудаи диссертатсия, метавонанд ба амалияи такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат намоянд.

Хулосаҳои асоснок, пешниҳодҳо ва тавсияҳои кори диссертатсиониро ба сифати воситаи такмили механизми

мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст, ки аз аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф мумкин аст, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи стратегияю барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сиёсати таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, истифода шаванд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» як тадқиқоти илмии пурра анҷомёфта ва мустақилонаи муаллиф маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35, “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ буда, з рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** ______________ **Қурбонов А.К.**

Имзои д.и.и., профессор Қурбонов А.К.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

15.01.2024